# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст (– Душанбе, 2026. – 42 саҳ.).**

Диссертатсияи Холиқзода О.А. ба яке аз мавзуъҳои бисёр мубрами илми ҳуқуқи инсон бахшида шуда, дар шароити рушди муносибатҳои ҷомеаи инсонӣ ва таҷдиди низоми ҳуқуқии миллӣ дорои аҳамияти муҳим мебошад. Воқеан, инсоният дар масири ҳастии худ ҳамеша баҳри эҳтиром гузоштан ба ҳуқуқ ва манфиатҳояш талош намуда, барои таъмин намудани адолат кӯшиш кардааст, ки дорои марҳилаҳои хосси ташаккул мебошад. Дар сарзамини аҷдодии мо низ ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир менамуданд ва дар саргаҳи халқу миллатҳои эътирофкунандаю таъминкунандаи ҳуқуқи инсон қарор доштанд, ки ин андешаро муаллифи рисолаи илмӣ ба таври оқилона ишора намудааст.

Дар автореферати рисолаи илмӣ мақсади таҳқиқот ба таври возеҳ ва ҳамаҷониба пешниҳод шудааст. Муаллиф баҳри расидан ба мақсадҳои таҳқиқот дар назди худ як қатор вазифаҳоро гузоштааст, ба мисли муайян намудани мафҳум ва моҳияти сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон; таҳлили ҳаматарафаи таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқ; муайян намудани андешаи ҳуқуқи инсон дар нахустсарчашмаҳои ҳуқуқи инсон; баррасии эътирофнамоии ҳуқуқи инсон дар Эъломияи Куруши Кабир; муайян кардани таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар Қонунномаи Сосониён; омӯзиши андешаи ҳуқуқи инсон дар афкори мутафаккирони тоҷику форс дар асрҳои миёна ва ғ. Бояд ишора намуд, ки иҷроиши ин вазифаҳо дар автореферати рисолаи илмӣ ба хубӣ мушоҳида мешаванд.

Таҳлили автореферати диссертатсия нишон дод, ки он бо риояи ҳама талаботи мавҷуда сурат гирифта, зимни анҷом додани пажуҳиши илмӣ аз усулҳои умумифалсафавии илмӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ истифода бурда шудааст.

Яке аз муваффақиятҳои рисолаи илмӣ аз он иборат мебошад, ки сарчашмаҳои бунёдии ҳуқуқӣ дар самти ҳуқуқи инсон дар сарзамини тоҷикон ба таври бисёр муфассал мавриди таҳлил қарор гирифта, хусусият ва аҳамияти онҳо нишон дода шудааст. Махсусан, таҳлил намудани Эъломияи Куруши Кабир ва Қонунномаи Сосониён бисёр хуб таҳлил шудаанд, ки навгониҳои муҳимми илмиро дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ташкил

медиҳанд. Инчунин, дар доираи он муаллиф ҷанбаҳои ҳуқуқии Авасторо таҳлил карда, онро ба сифати яке аз нахустин сарчашмаҳои ҳуқуқи инсон, ки дар он ҳуқуқҳои бунёдии инсон мавриди эътирофнамоӣ қарор гирифтаанд, баҳогузорӣ намудааст. Аз нигоҳи таҳлилбаранда, дар ин сарчашмаи таърихии ҳуқуқӣ, дар баробари дигар ҳуқуқҳои соҳавӣ, инчунин ҳуқуқҳои асосии инсон ва субъектҳои ба ҳимоя эҳтиёҷманд, аз қабили занон, кӯдакон, пиронсолон, маъюбон ва ғ. инъикос ёфтаанд. Аз ҷумла, андеша ва назари муҳаққиқонро мавриди баррасӣ қарор дода, хулоса менаояд, ки Авасто аз нахустин сарчашмаҳои расмӣ-ҳуқуқии тамаддуни зардуштӣ маҳсуб мешавад, ки нисбат ба ҳуқуқ ва манфиатҳои занон эҳтиром гузошта, анъанаи таҷлили рӯзи занонро ба насли башарӣ мерос гузоштааст (саҳ. 22).

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, хулосаҳои илмии назариявӣ ва пешниҳодҳои илмии амалӣ, ки муаллифи рисолаи илмӣ манзур кардааст, дар шароити муосир баҳри манфиатҳои миллӣ, ҳифзи арзишҳои таърихӣ ва таҳкими ҳувияти мардум метавонанд мусоидат намоянд.

Дар баробари муваффақиятҳои назаррас, ҳамзамон ҳолатҳои ҷудогонаи илмӣ ба назар мерасанд, ки дорои хусусияти баҳснок мебошанд. Аз ҷумла, таҳқиқбаранда дар хулосаи сенздаҳуми худ ишора менамояд, ки «дар асрҳои миёна ҳуқуқи инсон бештар тавассути афкори мутафаккирони тоҷику форс вориди андеша ва зеҳни мардум гардида, заминаро барои бунёди ҷомеаи адолатпарвар гузошт» (саҳ. 37). Воқеан, яке аз роҳҳои дар зеҳни мардум ҷой додани ҳуқуқи инсон, ин тавассути афкори мутафаккирон ба ҳисоб меравад. Аммо, муаллиф дар ин самт боризияти таъсири санадҳои марҳилаи гузаштаро дар таҳкими андешаи ҳуқуқи инсон дар асрҳои миёна ишора наменамояд. Аз ин дидгоҳ, хуб мешуд, агар пажӯҳишгар зимни ҳимояи ошкоро ба масъалаи мазкур равшанӣ андохта, ҷойгоҳи афкори мутафаккирони аҳди қадим ва санадҳои таърихӣ-ҳуқуқии дар ин марҳила қабулшударо дар ташаккули андешаи ҳуқуқи инсон дар асрҳои миёна муайян намояд.

Албатта, масъалаи ишорашуда ба сатҳ ва сифати рисолаи илмӣ таъсири ҷиддӣ намерасод, зеро мақсад ва вазифаҳои гузошташудаи муаллиф дар рисолаи илмӣ ба таври пурра иҷро гардидаанд.

Дар умум метавон ишора намуд, ки таҳқиқоти диссертатсионии Холиқзода Омина Абдулваҳоб дар мавзуи «Таҳаввули андешаи ҳуқуқи инсон дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик (даврони қадим ва асрҳои миёна)» ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ

аз рӯйи ихтисоси 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимотҳо дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Директори Муассисаи давлатии
“Маркази барномаҳои байналмилалӣ”
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Одиназода Р.

**Имзои** Одиназода Р. – **ро тасдиқ мекунам:**
Мудири бахши коргузорӣ, кадр ва ҳуқуқ Имомзода М.
27.03.2026

**Суроға:**
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025,
ш.Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода 47,
E-mail: ramazon-84@mail.ru
Тел. корӣ: 223-23-59: Тел: моб.: 00 – 500 – 74 – 74.